«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии Данғара
д.и.и. ____________Хайрзода Ш.Қ.
«_25_» ____________ соли 2025

# ХУЛОСАИ
## ҷаласаи муштараки кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва андозбандӣ ва кафедраи молия ва фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии Данғара

Диссертатсия дар мавзуи “Рушди таъминоти ташкилӣ-методии аудити дохилӣ дар ширкатҳои сайёҳӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси: 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит дар кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва андозбандии Донишгоҳи давлатии Данғара ба анҷом расонида шудааст.

Юсупов Умедҷон Сангиҳмадович, соли таваллуд 04.08.1989, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон. Соли 2012 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯи ихтисоси молия ва қарз хатм намудааст. Пас аз хатми донишгоҳ соли 2016 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва андозбандии Донишгоҳи давлатии Данғара дохил шуда, онро соли 2020 хатм кардааст.

Солҳои 2015-2019 дар вазифаи ассистенти кафедраи иқтисодиёт ва идоракуни дар КАС Донишгоҳи давлатии Данғара кор кардааст.

Аз соли 2019 дар вазифаи муаллими калони кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва андозбандӣ фаъолият менамояд.

Солҳои 2017-2021 дар вазифаи эдвайзер оид ба таълим дар факултети иқтисодиёти инноватсионӣ ва менеҷменти Донишгоҳи давлатии Данғара кор кардааст.

Солҳои 2021-2022 мудири кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва андозбандӣ кор кардааст.

Аз соли 2023 то ин ҷониб дар вазифаи эдвайзер оид ба таълим дар факултети молия ва иқтисоди Донишгоҳи давлатии Данғара фаъолияти корӣ дорад.

Мавзуи диссертатсияи Юсупов У.С. “Рушди таъминоти ташкилӣ-методии аудити дохилӣ дар ширкатҳои сайёҳӣ” дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Данғара аз 16 марти соли 2020, №8 тасдиқ карда шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Давлатзода Дилмурод Ашурбек – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисоди молиявӣ ва фаъолияти биржавии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон;

**Муқарризони холис:**

Мирсаидов С.А. - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини якум, муовини ректор оид ба таълими Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон;

Бобоев А.М. - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити ДБССТ;

Раҳматов Б.Қ. - номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва андозбандии Донишгоҳи давлатии Данғара.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсияи номзадӣ дар мавзуи “Рушди таъминоти ташкилӣ-методии аудити дохилӣ дар ширкатҳои сайёҳӣ” чунин хулосаҳо бароварда шуд:

**Баҳодиҳии иҷрои диссертатсия.** Диссертатсия дар мавзуи “Рушди таъминоти ташкилӣ-методии аудити дохилӣ дар ширкатҳои сайёҳӣ” мавзуи рузмарраи имрӯза буда, дар сатҳи илмӣ навишта шудааст. Ҳамзамон, бо забони илмӣ навишта шуда, таҳқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб меравад, мақсад ва вазифаҳои диссертатсия иҷро гардида, пешниҳод ва хулосаҳо асоснок гардидаанд.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Дар шароити рушди бемайлони иқтисодиёти бозорӣ ва авҷ гирифтани рақобатҳо байни субъектҳои иқтисодӣ, бештаре аз ширкатҳо таҳти таъсири омилҳои манфӣ ва хатарҳои молиявӣ қарор мегиранд, ки ин ҳолат ба вазъи молиявии корхонаҳо ва ширкатҳо таъсири манфӣ мерасонад. Дар чунин ҳолат муътадил гардонидани вазъияти иқтисодию молявии корхона бо роҳи сари вақт ошкор намудани сабабу омилҳои хавфҳои эҳтимолӣ бо мақсади кам кардани оқибатҳои таъсири омилҳои бозор ба фаъолияти корхонаю ташкилот, яке аз роҳҳои афзалиятноки таъмини он гардида метавонад.

Бинобар ин, ҷараёни ташаккули муносибатҳои замонавии иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пурзӯршавии рақобат талаботи навро ба мутахассисони соҳаҳои гуногуни фаъолият пешниҳод менамояд, ки яке аз чунин соҳаҳои фаъолият ин пешниҳоди хизматрасониҳои аудиторӣ барои ширкатҳо буда метавонад.

Вобаста ба ин, зарурати таҳия намудании асосҳои назариявӣ-методӣ ва коркарди тавсияҳои амалӣ оид ба ташкил ва пешбурди таъмини методии ташкили аудити дохилӣ дар ширкатҳои сайёҳӣ ва давра ба давра мутобиқсозии он ба стандартҳои байналмилалӣ ба миён омадаст, ки мубрамии мавзуи таҳқиқотро муайян мекунад.

Ихтисос ва номи мавзуи диссертатсияи Юсупов Умедҷон Сангиҳмадович “Рушди таъминоти ташкилӣ-методии аудити дохилӣ дар

ширкатҳои сайёҳӣ" ба шиносномаи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит мувофиқат мекунад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия дар асоси «Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030», марҳалаҳо ва барномаҳои миёнамуҳлати он, «Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ва татбиқи марҳалаҳои он (марҳалаи якум солҳои 2019-2022, марҳалаи дуюм солҳои 2023-2026, марҳалаи сеюм 2027-2030) инчунин, Паёмҳо, дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти аудиторӣ" (аз 22 июли соли 2013,), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ" аз 25 марти соли 2011 асос ёфтааст.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** ин таҳлили имконоти имконпазири ҳамкории байни низоми аудити дохилӣ ва назорати дохилию идома додани усули татбиқи маҷмӯии онҳо барои назорат ва ҳамзамон равандҳои иқтисодии молиявӣ ва идоракунии хавфҳо, пешниҳоду мулоҳизаҳо доир ба фаъолияти ширкатҳои сайёҳӣ мебошад.

Омӯзиши назариявӣ ва гузаронидани ташхису таҳқиқот, аз амалияи истифодабарии дигар давлатҳо омӯхтан ва пурра аниқ гардонии самаранокии аудити дохилӣ ва аҳамияти он барои аҳолӣ ва рушд намудани соҳаҳои дигари иқтисодиёти кишвар мегардад.

Барои ноил гардидан ба ҳадафи мазкур ҳалли вазифаҳои гузошташуда барои таҳқиқи пурраи масъалаҳои зерини ба миён омада, зарур аст:

– асосноксозии заминаҳои назарявию методии омӯзиши аудити дохилӣ ва таъсири он ба рушди сайёҳии кишвар;

– омӯзиши таҷрибаҳои хориҷӣ ва имкониятҳои истифодаи онҳо дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– ошкор ва таҳлил намудани таъсири омилҳо ба нишондиҳандаҳои сифати хизматрасониҳои аудиторӣ дар ширкатҳои сайёҳӣ;

– муайян намудани омилҳои таъсирасон дар ширкатҳои сайёҳӣ ва нақши аудити дохилӣ дар рушди минбаъдаи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– ба ҷо овардани таҳлили ҳолати муосири бозори хизматрасониҳои аудиторӣ, ошкор ва таҳлил намудани омилҳои мусоидаткунанда, мушкилот ва таҳдидҳои боздорандаи фаъолити аудиторӣ, инчунин баррасии омилҳо ва заминаҳои рушди умумии сайёҳӣ ва аҳамияти он барои иқтисодиёти мамлакат;

– муайян намудани самаранокии иҷтимоию иқтисодии раванди ташаккули ширкатҳои сайёҳӣ ва нақши аудити дохилӣ дар равнақёбии он;

– арзёбии дурнамои рушди аудити дохилӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуданд.

**Объекти таҳқиқотро** низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити дохилӣ бо дарназардошти таҳлили ширкатҳои сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бартараф намудани хавҳои эҳтимолӣ бавуҷудоянда ташкил медиҳад.

**Предмети таҳқиқот.** Асосҳои назариявӣ-методӣ ва инкишофи соҳаи сайёҳӣ дар мамлакат, инчунин ҷиҳатҳои консептуалӣ, меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва методии аудити дохилӣ дар ширкатҳои сайёҳии ватанӣ ба ҳисоб меравад.

**Фарзияи таҳқиқот.** Рушди аудити дохилӣ дар низоми сайёҳии кишвар боис мегардад, ки соҳаи сайёҳӣ ба таври густурда инкишоф ёфта, боварии сайёҳони хориҷӣ дар кишвар афзун гардад ва аз ин ҳисоб нишондиҳандаҳои иқтисодиёти миллӣ рушд намуда, буҷаи кишвар афзун гардад. Диссертатсияи мазкур метавонад ҳамчун лоиҳа ва ё бизнес-нақша барои соҳибкороне, ки мехоҳанд тиҷорати худро дар соҳаи сайёҳӣ оғоз менамоянд, ҳамчун дастури тиҷоратӣ истифода гардад. Ҳамзамон диссертатсия барои кормандони соҳаҳои мухталифи идоракуни ҳамчун дастурамал истифода гардад. Чунки дар диссертатсия тамоми меъёрҳои қонунгузорӣ, стандартҳо, барномаҳою дигар таҳлилҳои илмӣ гирд оварда шудааст.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Аз омӯзиш ва таҳлили адабиёти хориҷӣ ва ватанӣ, инчунин, истифодаи назарияҳои исботгаштаи олимон, ки ба диссертатсия ба таҳия ва ҳалли вазифаҳои вогузоргашта иборат мебошанд, мавриди пажуҳиш ва арзёбӣ қарор гирифтаанд. Асосҳои методологии таҳқиқот аз усулҳои умумиилмӣ ва мушаххаси тафаккур, ки ба усулҳои дарки фалсафӣ, принсипҳои бунёдии назарияи иқтисодӣ, равиши муназзам ва сохтории омӯзиши масъалаҳои пешбарии назорати дохилии фаъолияти ширкатҳои сайёҳӣ асос ёфтаанд, иборат мебошанд. Натиҷаҳои назариявии диссертатсия имкониятҳои ба ҷо овардани таҳқиқоти илмиро дар самти татбиқи механизми гузаронидани санҷиши аудиторӣ фароҳам меоваранд. Асосҳои методологии таҳқиқот аз усулҳои умумӣ ва махсуси илмӣ арзёбӣ, таҳлили муқоисавӣ, усули гурӯҳбандӣ, таҳлили оморӣ, таҳлили омилӣ ва амсиласозии математикӣ-иқтисодӣ истифода шудаанд.

**Иштироки шахсии унвонҷӯ дар гирифтани натиҷаҳое, ки дар диссертатсия пешниҳод кардааст.** Саҳми шахсии муаллиф дар ҷамъбаст кардан, ба низом даровардан, аниқ ва пурра кардани равишҳои назариявӣ

ва амалӣ ба ташкили механизм ва технологияи ба роҳ мондани методикаи гузаронидани санҷишҳои аудиторӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода меёбад. Дар асоси ҷамъбасткунӣ ва таҳлили маводи таҳқиқӣ рушди таъмини методии аудити дохилӣ ва баландбардории сифати чунин хизматрасониҳо таҳия карда шудааст. Натиҷаҳои алоҳидаи таҳқиқот метавонанд ҳангоми таҳия намудани ҷанбаҳои назариявӣ ва амалӣ барои мукаммалсозии механизм ва технологияи санҷиши аудиторӣ истифода шаванд.

**Сарчашмаи маълумот.** Муаллиф аз хулосаҳо, назарияҳо, мавриди омӯзиш қарор гирифтани Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрӣ ва ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти омории шаҳру ноҳияҳо ва Агентии омори назди Призиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон, барномаҳои давлатӣ ва инчунин, таҳлил гардидани барномаҳои стратегии давлатӣ, маводи конференсияҳои илмӣ, монографияҳо, мақолаҳои мутахассисону олимони соҳаи таҳқиқшаванда истифода намудааст.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар назди кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва андозбандии Донишгоҳи давлатии Данғара дар солҳои 2019-2025 анҷом дода шудаст.

**Навгонии илмии таҳқиқот:** Навгонии илмии таҳқиқот дар коркарди асосҳои назариявӣ, тавсияҳои методӣ ва амалӣ оид ба рушди ташкилотии таъмини методии аудити дохилӣ дар ширкатҳои сайёҳӣ, инчунин баландбардории сифати санҷишҳои аудиторӣ дар ширкатҳои аудитории Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода меёбад. Натиҷаҳои асосии илмӣ, ки саҳми муаллифро дар ҳалли вазифаҳои муқarrаргардида ва муайян намудани навовариҳои илмии кори диссертатсионӣ нишон медиҳад, чунин мебошанд:

– асосҳои назариявӣ ва методии аудити дохилӣ такмил дода шуданд, ки дар доираи он мафҳум ва вазифаҳои аудити дохилӣ ва назорати дохилӣ дар фаъолияти ширкатҳои сайёҳӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ мушаххас гардида, асосҳои методии истифодаи аудити дохилӣ барои пешгӯии хавфҳо пешниҳод гардиданд;

–омилҳои асосии таъсиррасон ба сифати хизматрасониҳои аудиторӣ муайян ва низомнок карда шуданд, ки дар асоси он таъсири бухронҳои молиявӣ, тағйирёбии муҳити иқтисодӣ ва шароити бозорӣ ба рушди аудити дохилӣ дар ширкатҳои сайёҳӣ асоснок карда шудааст.

– воситаҳои методии такмили фаъолияти аудити дохилӣ таҳия гардиданд, аз ҷумла усулҳои арзёбии самаранокии низоми назорати дохилӣ ва модели

иттилоотии дастгирии аудити дохилӣ барои ширкатҳои сайёҳӣ пешниҳод карда шуданд.

– самтҳои такмили таъминоти ташкилӣ-методии аудити дохилӣ ва баланд бардоштани самаранокии назорати дохилӣ дар ширкатҳои сайёҳӣ асоснок карда шуданд, ки татбиқи онҳо дар шароити ҳукумати электронӣ ва густариши ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ба рушди соҳаи сайёҳӣ ва баланд гардидани сифати хизматрасониҳои аудиторӣ мусоидат менамояд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Муқаррароти назариявии дар диссертатсия таҳиягардидаро метавон чун саҳми муҳим дар рушди низоми аудитории мамлакат ва боз ҳам мукаммалгардонии он муаррифӣ намуд. Натиҷаҳои назариявии диссертатсия имконияти ба ҷо овардани таҳқиқоти илмиро дар самти ташаккул ва рушди аудити дохилӣ бо мақсади вусъат бахшидани фаъолият дар ширкатҳои сайёҳӣ фароҳам меоранд. Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои асосии дар кори мазкур зикргардидааст, дар корҳои таълимӣ ва таҳқиқотӣ, ширкатҳои аудиторӣ барои идоракунии босамари санҷишҳои аудиторӣ ва дар ширкатҳои касбии аудиторҳо - барои таҳия намудани чорабиниҳои назорати сифати санҷишҳои аудиторӣ истифода гардида метавонад. Натиҷаҳои таҳқиқот имкон медиҳад, ки сатҳи назорати сифати санҷишҳои аудиторӣ беҳтар карда шуда, масъулияти аудиторҳо барои босифат иҷро намудани ин санҷишҳо баланд бардошта шавад.

Аҳамияти амалии дигари диссертатсияи мазкур дар он аст, ки дар дилхоҳ шароит пешгӯйии ҳолатҳои гуногуни сиёсӣ бениҳоят мушкил мебошад. Дар ин кор бештар ба омилҳои иқтисодӣ, стандартҳои аудиторӣ, иқтисодӣ сиёсии берунае, ки метавонад дар оянда мушкилот эҷод намояд мушахас ва муайян карда шудааст.

**Алоқамандии мазмуни диссертатсия бо интихоби ихтисос.** Диссертатсияи Юсупов Умедҷон Сангиҳмадович - “Рушди таъминоти ташкилӣ-методии аудити дохилӣ дар ширкатҳои сайёҳӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит, мувофиқат мекунад.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Вобаста ба мавзуи диссертатсионии “Рушди таъминоти ташкилӣ-методии аудити дохилӣ дар ширкатҳои сайёҳӣ” Юсупов Умедҷон Сангиҳмадович 13 мақолаи илмӣ бо ҳаҷми 6,5 ҷузъи чопӣ, аз он ҷумла 6-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шуданд, ки пурра муҳтавои диссертатсия ва автореферати диссертатсияро инъикос менамоянд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Нуктаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шакли маърузаҳои илмӣ аз тарафи муаллиф дар конференсияҳо ва семинарҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ, ҳамоишҳои илмии амалии Донишгоҳи давлатии Данғара (солҳои 2018-2025), Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (солҳои 2020-2023), Донишгоҳи милли Тоҷикистон (соли 2022), коллеҷи техникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М. Осимӣ (соли 2024), муҳокима ва арзёбӣ карда шудаанд

Муқаррароти диссертатсия дар ҷараёни таълимии Донишгоҳи давлатии Данғара ҳангоми тадриси фанҳои «Аудити дохилӣ», "Асосҳои аудит" "Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит дар ташкилотҳои тиҷоратӣ", «Стандартҳои байналмилалии аудит», ва ғайра истифода шудааст. (санади татбиқ №379/3 аз 03. 12. 2025)

Бархе аз муқаррароти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар фаъолияти амалии аудиторӣ дар шуъбаи аудити Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда шудааст (санади татбиқ №37/2 аз 11.06.2025).

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Саҳми шахсии диссертант дар таҳияи муайян кардани хусусиятҳои хоси низоми аудити дохилӣ дар ширкатҳои сайёҳӣ, истифодаи роҳу усулҳои таҷрибаи ҷаҳонӣ дар самти ба роҳ мондани хизматрасониҳои аудиторӣ, баҳогузорӣ дар низоми аудити дохилӣ, муайян кардани заминаҳои ҷамъбаст кардан, ба низом даровардан, аниқ ва пурра кардани равишҳои назариявӣ ва амалии таъмини методии аудити дохилии ширкатҳои сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода меёбад. Дар асоси ҷамъбасткунӣ ва таҳлили маводи таҳқиқӣ методикаи гузаронидани санҷишҳои аудиторӣ ва баландбардории сифати чунин хизматрасониҳо дар ширкатҳои сайёҳӣ таҳия карда шудааст. Натиҷаҳои алоҳидаи таҳқиқот метавонанд ҳангоми таҳия намудани ҷанбаҳои назариявӣ ва амалӣ барои мукаммалсозии механизм ва методикаи гузаронидани санҷиши аудиторӣ истифода шаванд.

## РӮЙХАТИ МАҚОЛАҲОИ ЧОПШУДАИ ЮСУПОВ УМЕДҶОН САНГИҲМАДОВИЧ

### *А. Интишорот дар маҷаллаҳо ва нашрияҳои илмии тақризшавандаии Ҷумҳурии Тоҷикистон*

[1-М]. Юсупов У.С. Рушди сайёҳӣ - омили асосии ҳалли мушкилотҳои иқтисодӣ [Матн] / У.С. Юсупов // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав – Бохтар, 2025 1/4(140). – С. 460–464.

[2-М]. Юсупов У.С. Нақши аудити дохилӣ дар таҳкими низоми назорати дохилӣ ва амнияти иқтисодии соҳаи сайёҳӣ [Матн] / У.С.Юсупов, Д.А.

Давлатзода // Маҷаллаи илмии “Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз”-и Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2025 – №3 (91). – С. 170–182.
[3-М]. Юсупов У.С. Баҳои самаранокии фаъолияти хадамоти аудити дохилӣ [Матн] / У.С. Юсупов, Д.А. Давлатзода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – Душанбе, 2025 2(57)/2025. – С. 109–113.
[4-М]. Юсупов У.С. Алоқамандии низоми назорати дохилӣ ва аудити дохилӣ [Матн] / У.С. Юсупов, С.Ф. Низомов // Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023 4/II(55). – С. 133–140.
[5-М]. Юсупов У.С. Мушкилот ва рушди аудит дар ҷумҳурии тоҷикистон [Матн] / У.С. Юсупов //Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав – Бохтар, 2021 1/4(92). – С. 123-127.
[6-М]. Юсупов У.С. Институциональные аспекты аудититорских услуг: теоретический анализ [Текст] / У.С. Юсупов, Г.М. Рахимов // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав – Бохтар, 2020 1/3(77). – С. 140–147.

### *Б. Мақолаҳо дар дигар нашрияҳо*

[7-М]. Юсупов У.С. Аудити фосилавӣ дар шароити истифодабарии технологияҳои рақамӣ: масоли гузариш [Матн] / У.С.Юсупов // Масоили мубрами иқтисодиёти миллӣ дар шароити рақамикунонӣ. маводи коференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ (29 ноябри соли 2025, Донишгоҳи давлатии Данғара). – Душанбе: - 2025. - С. 219-225.
[8-М]. Юсупов У.С. Асосҳои иниститутсионалии таҳия ва баамалбарории сиёсати буҷети-андозӣ [Матн] / У.С.Юсупов // Молия ва нақши он дар амалигардонии ҳадафи чоруми стратегӣ: “Саноатикунонии босуръати кишвар”. Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида ба Рӯзи молиячиён ва солҳои 2022-2026 “Солҳои рушди саноат”. (ш. Душанбе, 5.12.2023) Колеҷи техникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ. Душанбе -2023. -С. 229-235.
[9-М]. Юсупов У.С. Проблемы правового регулирования аудиторской деятельности в Республике Таджикистан [Текст] / У.С. Юсупов, Г.М. Рахимов // Актуальные проблемы теории и практики бухгалтерского учета, анализа и аудита в современных условиях. Материалы международной научно-практической конференции (21-23 мая 2022, г. Душанбе). - Душанбе: ТНУ, - 2022. - С. 110-122.
[10-М]. Юсупов У.С. Қонунгузории андози ҶТ ва маъмурикунонии он [Матн] У.С. Юсупов, Ф.М. Муқимов // Низоми буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлоли давлатӣ: ҳолат ва дурнамои рушди он.

Маҷмуаи маводҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба Рӯзи кормандони мақомоти молия (11 декабри соли 2021, ш. Душанбе). - Душанбе: ПИТ "Молия", - 2021. - С. 253-256.

[11-М]. Юсупов У.С. Ҷанбаъҳои назарявии гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ ва аҳмияти он дар ҶТ [Матн] / У.С. Юсупов // Мафҳум, моҳият ва методологияи гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон). Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ (12 ноябри соли 2021, Донишгоҳи давлатии Данғара). - Душанбе: "Бачагон", - 2021. - С. 219-222.

[12-М]. Юсупов У.С. Зарубежный опыт аудита: проблемы адаптации [Текс] / Г.М. Рахимов, Б. Мансурзода У.С. Юсупов // Материалы XXVIII международной научно-практической конференции «21 centrury: fundamental sciences today and technology XXVIII. Proceedings of the Conference. North Charleston, 27-28 декабря 2021 г. North Charleston, USA. 206 с. - С. 164-183. ISSN 2308-054X.

[13-М]. Юсупов У.С. Проблемы и перспективы развития рынка аудиторских услуг в условиях цифровой экономики [Текс] / У.С. Юсупов, Ю.С. Ахмадзода // Актуальные проблемы теории и практики бухгалтерского учета, анализ и аудита. Материалы VII международной научно-практической конференсии (г. Душанбе 20-21 июля 2020 года). – Душанбе: ТГУК, Общественный Институт Професиональных бухгалтеров и аудиторов Республики Таджикистан 2020. с. 135-139.

Баъди шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи Юсупов Умедҷон Сангиҳмадович дар мавзуи "Рушди таъминоти ташкилӣ-методии аудити дохилӣ дар ширкатҳои сайёҳӣ", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит, шунидани тақризи роҳбари илмӣ - доктори илмҳои иқтисодӣ, Давлатзода Д.А., баромади муқарризони холис - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Мирсаидов С.А., номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Бобоев А.М., номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. дотсент Раҳматов Б.Қ. ҷаласаи муштараки кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва андозбандӣ ва кафедраи молия ва фаъолияти бонкӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии кушода ва хулосаи пешниҳодгардида оид ба мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос, навгонии илмӣ, аҳамият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин натиҷаҳои корҳои нашршудаи диссертатсияи Юсупов Умедҷон Сангиҳмадович,

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Юсупов Умедҷон Сангиҳмадович дар мавзуи "Рушди таъминоти ташкилӣ-методии аудити дохилӣ дар ширкатҳои сайёҳӣ", барои

дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, аз рӯйи ихтисоси: 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит кори илмии анҷомдодашуда ба ҳисоб рафта ба талаботҳои КОА –и назди президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад.

2. Диссертатсияи Юсупов Умедҷон Сангиҳмадович дар мавзуи "Рушди таъминоти ташкилӣ-методии аудити дохилӣ дар ширкатҳои сайёҳӣ", барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, аз рӯйи ихтисоси: 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит кори илмии анҷомдодашуда ба ҳисоб рафта, бо дарназардошти ислоҳи камбудиҳои ошкоргардида ба экпертизаи навбатӣ пешниҳод карда шавад.

Дар ҷаласа иштирок доштанд 25 нафар, аз онҳо бо ҳуқуқи овоздиҳӣ 24 нафар, аз онҳо д.и.и., профессорон 3 нафар, бо ихтисоси диссертатсияи муҳокимагардида д.и.и., профессор 1 нафар.

Натиҷаҳои овоздиҳии кушода чунин аст:

-"тарафдор" – 24 нафар

- "зид" – нест

- бетараф" - нест

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи якҷояи кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва андозбандӣ, кафедраи молия ва фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии Данғара аз 23 декабри соли 2025, суратмаҷлиси №5/2 қабул гардидааст.

**Раисикунанда:**
**н.и.и., дотсент декани**
**факултети молия ва иқтисоди ДДД** **Қудратзода П.Қ.**

**Котиби ҷаласа:**
**н.и.и., муаллмими калони**
**кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ**
**ва андозбандии ДДД** **Азиззода Б.М.**

Имзоҳои Қудратзода П.Қ., Азиззода Б.М. -ро тасдиқ мекунам:

**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДДД** **Тоирзода С.Т.**

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН * ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ДАНҒАРА * ШУЪБАИ КАДРҲО